№	Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи регламенти техникии “Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ”	
1	Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Регламенти техникии “Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ”
2	Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
3	Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад	Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар муносибатҳо вобаста ба воридот, истеҳсол ва муомилот баровадани иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ иштирок менамоянд.
4	Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	соли 2025
5	Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи то 14 феврали соли 2025 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 15 январ то 14 феврал соли 2025 гузаронида шуд.
6	Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома иод ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.
7	Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар	Бояд қайд кард, ки солҳои охир бо рушди саноати хӯрокворӣ истеҳсоли иловагиҳои хӯрокворӣ, хушбуйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ ва истифодаи онҳо дар саноати хӯрокворӣ зиёд гардида истодааст. Регламенти техникии мазкур равандҳои ҳатмии татбиқ ва

	ягон амал андешида нашавад	таъмини талаботро нисбат ба бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешавад, инчунин ба равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интикол, (боркашонӣ), фурӯш, нобудсозӣ, тамғагузорӣ ва бастабандии онҳоро муқаррар менамояд.
8	Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат	Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи Регламенти техникии "Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ» ба танзим даровардани меъёрҳои бехатарӣ нисбати истифодабарии иловагиҳои хӯрокворӣ дар маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад
9	Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чорабиниҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот	Лоиҳаи Регламенти техникии "Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ» аз 16 боб ва 64 банд ва 32 замимаҳо дар шакли ҷадвал қарор дошта иборат буда меъёрҳои техникиро нисбати иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ муқаррар менамояд.
10	Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Лоиҳаи Регламенти техникии "Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ" бо мақсади ба танзим даровардани истифодаи онҳо дар саноати хӯрокворӣ мебошад. Аз ҷониби таҳиякунанда чунин чорабиниҳо андешида шудаанд: -амалӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи, ки дар муносибатҳои зикргардида

		иштирок менамоянд -ташкили мизи мудаввар бо истеҳсолкунандагон.
11	Арзёбии муфассали харочоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот	Аз буҷаи давлат маблағгузориро талаб намекунад. Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур: -ҳифзи ҳаёт ва саломатии истеъмолкунандагон таъмин мегардад. -бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ таъмин мегардад. Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур: -истеҳсол ва содироти маҳсулоти бехатар зиёд мегардад. -истеҳсоли ватанӣ рушд меёбад ва аз ҷиҳати бехатарӣ маҳсулот дар хориҷи кишвар эътироф мешавад.
12	Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он	Барои ба танзим даровардани истифодаи иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ мусоидат менамояд.
13	Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он	Дар лоиҳаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки баъд аз қабули лоиҳаи қарор ин санади меъёрии ҳуқуқӣ пас аз шаш моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Муовини директор Сафарзода М.Х.